Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014

назди Донишгоҳи давлатии молия ва

иқтисоди Тоҷикистон

(ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимова, 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити густариш ва вусъатёбии иқтисоди бозорӣ, масъалаи худмаблағгузорӣ ва худшуғлӣ на танҳо хоси субъектҳои хоҷагидор, балки хоси дилхоҳ шохаи иқтисод дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ба шумор меравад. Дар чунин маврид мутавозинии таъмини даромаду хароҷотҳо барои ҳар як минтақа мубрамтарин масъала ҳисоб меёбад. Зеро он ҳамчун яке аз талаботи лозимаи иқтисоди бозорӣ арзёбӣ гардида, ба унвони вазоифе дониста мешавад, ки бояд дар тамоми сатҳу зинаҳои мақомоти идоракунии ҳокимиятҳои давлатӣ ҳаллу фасли худро ёбад.

Дар ҳоли ҳозир минтақаҳои мухталифи кишвар тавсеаи якхелаи иқтисодӣ - иҷтимоӣ надоранд, яъне вобаста ба шарту шароити созмондода ҷиҳати ба худшуғлӣ фарогирии аҳолӣ дар зинаҳои гуногуни тавсеа ва равнақ қарор доранд. Ба унвони далел барои андешаҳои қаблан зикрнамуда, минтақаҳои Душанбе ва Суғд дар қиёс бо дигар манотиқи кишвар дар самти тиҷорату саноат нисбатан пешсаф мебошанд ва ин дар ҳолест, ки вилояти Хатлон ба унвони бузургтарин минтақа ҳисобида мешавад. Дар замони муосир танзими оқилонаи давлатӣ метавонад дар мувозинсозии сатҳи тавсеаи иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаҳо нақши лозимаро иҷро намояд.

Омӯзиши назария ва амалия барои мувозингардонии молиявӣ ва таъмини тавсеаи пойдори минтақҳо шаҳодат медиҳад, ки равишҳои тавозунии амудию уфуқии дар буҷаи зинаҳои мухталиф истифодашаванда ноқис мебошанд, аз ин ҷиҳат тақсимоти номутавозунии манбаъҳо дар байни минтақаҳо ба вуҷуд омадааст.

Аз ин хотир, мавзуи интихобгардида дар шароити имрӯза мубрам ва зарурӣ буда, натиҷаҳо ва хулосаҳои дар автореферат овардашуда қобили қабул мебошанд.

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои бадастовардашуда беҳтар мешуд, агар муаллиф дар таҳқиқот ба масъалаи зерин аҳамияти бештар медод:

1. Таҷрибаи такмили механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта мешуд.

Камбудӣ ва норасоии номбаргардида қиммати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хусусияти пешниҳодӣ (ё тавсиявӣ) дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дорои навгонӣ ва натиҷаҳои назарраси илмӣ буда, муаллифи он – Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** **Раҳматов Б.Қ.**

**Имзои Раҳматов Б.Қ. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоирзода С.Т.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,
Тел: (+992) 931553686, E-mail: rbakhtovard@bk.ru “ ” _____ 2025с.